**2953/13.2 аз 25.03.2016**

Мақомоти ҳудудии андоз

**«Оид ба пешниҳод намудани тавозуни муҳосибавӣ аз ҷониби субъектҳое, ки тибқи низоми соддакардашудаи андозбандӣ фаъолият менамоянд»**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини маъмурикунонии дурусти даромадҳои субъектҳои дар низоми содакардашуда андозбанди фаъолияткунанда ва дуруст ба роҳ мондани риояи талаботи Кодекси андоз, дар қисмати дар ҳисоботҳои андоз дарҷ намудани даромади умумӣ, даромади соф, афзуншавии дороиҳо аз ҳисоби фуруши молу мулк (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ва ислоҳу пешгири намудани дигар камбудиҳо дар ин самт, мактуби дастурии мазкурро ирсол менамояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.03.2011, №702 «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» (Қонун) ташкилотҳо баҳисобгирии муҳосибиро ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба сифати шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шуданашон, амалӣ менамояд. Ҳамзамон, ташкилотҳои хурде, ки низоми андозбандии содакардашударо истифода мебаранд, усули содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирии муҳосибиро пеш мебаранд.

Инчунин, «Тартиби истифодабарии системаи содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тартиб) тасдиқ карда шуда, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2009, №555 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Муқаррароти банди 2 Тартиби мазкур фаъолияти тамоми субъетҳои соҳибкориро ба амал меоранд (ба истисноии дар асоси Патент фаъолияткунандаро) фаро мегирад.

Хамзамон, шахсони воқеъии фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ баамалоранда (ба истисноии дар асоси Патент фаъолият мекунанд), баҳисобгирии даромад ва хароҷотро тибқи тартиби боби 6-и Тартиби мазкур муқараргардида ба амал меорад.

Бояд қайд намуд, ки барои ташкили баҳисобгирӣ аз рӯи шакли содаи баҳисобгирии муҳосибӣ субъектҳои хурд дар асосӣ Нақшаи маъмулии

ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фоъолияти молиявию хоҷагидорӣ. Нақшаи кории ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявию хоҷагидории корхонаро таҳия ва тасдиқ мекунанд, ки он барои пешбурди баҳисобгирии воситаҳо ва сарчашмаҳои он дар мушаххасоти баҳисобгирии муҳосибӣ аз рӯи ҳисобҳои асосӣ имконият фароҳам меоранд. Ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки аз рӯи ҳифозати моликият, иҷрои уҳдадориҳо ва дурустии нишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ назорат ба роҳ монда мешавад.

Инчунин, тибқи боби 9 Тартиб ҳисоботи муҳосибӣ бояд дар асоси "Дастур оид ба тартиби пур намудани шаклҳои ҳисоботи солонаи муҳосибӣ" ва дигар санадҳои меъёрие ҳуқуқиву, ки аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, таҳия карда шавад.

Дар моддаҳои 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» пешбинӣ гардидааст, ки ҳамаи ташкилотҳо ҳисоботи солонаи муҳосибиро пешниҳод менамоянд. Ҳамзамон, тибқи талаботи моддаи 20 Қонуни мазкур бошад чунин ташкилотҳо вазифадоранд, ки ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ ва фаҳристи баҳисобгирии муҳосибиро дар ҳомилҳои коғазӣ ва ё электронӣ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доранд.

Ҳамзамон бо назардошти он, ки тартиби муқарароти банди 2 моддаи 50 Кодекси андоз ба намуди ҳисоботҳои андозии андозсупорандагон, ҳисоботи солонаи онҳо низ дохил карда шудааст, бинобар ин, субъектҳои фаъолияткунанда дар низоми содакардашудаи андозбандӣ тибқи талаботи моддаи 53 Кодекси андоз вазифадор мебошанд, ки дар дар баробари андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолияткунанда, ҳисоботи муҳосибии солонаи худро ба мақомоти андоз дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни мазкур (то 30 апрели соли минбаъда) пешниҳод намоянд.

Ҳамзамон бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва рушди хизматрасонии электронӣ дар бахши «Эъломияҳои нав»-и Барномаи компютерии системаи иттилооти андоз «Баҳисобгирии андозҳо - Шахсони ҳуқуқӣ» тафсири 3 зербахш бо номи «Тавозуни муҳосибавӣ» (бухгалтерский баланс) ҳамроҳ карда шудааст, ки ба талаботи Стандарти байналмилалии ҳисобдории молиявӣ» (МСФО) ҷойгир мебошад.

Аз ин рӯ, андозсупорандагоне, ки ба пешниҳоди электронии эъломияҳо гузаштаанд, бояд мутобиқи талаботи моддаи 51 Кодекси андоз

ҳисоботи муҳосибии солонаи худро дар шакли электронӣ ва дигар андозсупорандагон бошанд, дар шакли коғазӣ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба нозиротҳои андози маҳалли фаъолият пешниҳод намоянд.

Кормандони масъули мақомоти ҳудудии андоз вазифадоранд, ки тавозуни муҳосибавии дар шакли коғазӣ пешниҳодшударо ба зербахши «Тавозуни муҳосибавӣ»-и бахши «Эъломияҳои нав»-и Барномаи компютерии СИА «Баҳисобгирии андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ» дохил намоянд.

Сардорони мақомоти ҳудудии андоз ухдадоранд, ки мактуби дастурии мазкурро дар ҷаласаи васеи кормандони худ мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода, ҳамаи кормандонро ба мактуби зикргардида шинос карда, нусхаи протоколро ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд ва аз натиҷаи корҳои анҷомдодашуда ва бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта дар ин самт барои солҳои 2014-2015 то санаи 30.05.2016 ба Кумитаи андоз ахбороти муфассал пешниҳод намоянд.

Раис Н.Давлатзода